Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи номзадии Ализода Ҳуснигули Соҳиб дар мавзуи «Ҷанбаҳои ташкилию иқтисодии рушди низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ», ки барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 — Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.02 — Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт)**

Дар замони муосир исбот шудааст, ки маҳз сармояи инсонӣ воситаи муҳимми рушди иқтисодиву иҷтимоӣ ва устувории дарозмуддати давлатҳоро ташкил медиҳад. Бинобар ин, ташкили равандҳои таҳсилот тибқи стандартҳои байналмилалӣ, баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасониҳои таҳсилотӣ, инчунин таъмин намудани рушди низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ дар бозорҳои дохиливу ҷаҳонии хизматрасониҳои таҳсилотӣ ва дар ин замина, тайёр намудани мутахассисони баландихтисосу ҷавобгӯ ба талаботи бозори ҷаҳонии меҳнат яке аз ҳадафҳои асосии стратегии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Маориф дар ҷаҳони имрӯза ба захираи муҳимтарини рушди иқтисодию иҷтимоии кишварҳо, баланд бардоштани некӯаҳволӣ ва рушду такомули инфиродии шаҳрвандон мубаддал мегардад. Таъмини босифати хизматрасониҳои таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии ҷумҳурӣ вазифаи ниҳоят муҳим буда, яке аз унсурҳои муҳимми таъмини эҳтиёҷоти иқтисоди миллӣ ва бозори меҳнат бо мутахассисони баландихтисос мебошад. Дар авторферат муаллиф қайд мекунад, ки тайёр намудани мутахассисони баландихтисоси соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт аз ҷониби муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касӣ ба роҳ монда мешавад ва маҳз аз фаъолияти самараноки онҳо рақобатпазирии иқтисодиёти кишвар муайян мегардад.

Муҳтавои автореферати диссертатсияи муаллиф собит менамояд, ки дар кори мустақиман анҷомдодашуда асосҳои назараявии ҷанбаҳои ташкилию

иқтисодии рушди низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ бо истифода аз усулҳои гуногун асоснок карда шудааст.

Таҳлили автореферат нишон дод, ки дар он мақсад, вазифа ва самтҳои таҳқиқот дар диссертатсияи тақризшаванда мувофиқ бо масоили хосе, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷуд аст, баррасӣ шуда, муаллиф аз уҳдаи иҷрои онҳо аз ҷиҳати назариявию амалӣ хело хуб баромадааст.

Яке аз навгониҳо ва бартарии диссертатсия дар он зоҳир мешавад, ки муаллиф бештар ба омӯзиши вазъи ҳозираи таҳсилоти миёнаи касбӣ дар ҷумҳурӣ диққати асосӣ дода, ҳамзамон таҳияи тавсияҳо ҷиҳати такмили ҷанбаҳои ташкилию иқтисодии рушди низоми таҳсилоти миёнаи касбии мамлакатро ҳамчун самти афзалиятнок пешниҳод намудааст.

Дар баробари ин, муаллиф дуруст пешниҳод менамояд, ки тамоюлҳои муосири рушди таҳсилоти миёнаи касбӣ дар заминаи тағйироти сохторӣ дар иқтисодиёт ва зарурати такмили идоракунии низоми таҳсилоти касбӣ зарур аст ва барои амалӣ шудани он аз ҳамаи имкониятҳо бояд истифода намуд.

Ҳамзамон муаллиф омӯзиши ҳамаҷонибаи омилҳои рушди низоми таҳсилоти миёнаи касбиро бо истифода аз усулҳои гуногуни таҳлили иқтисодӣ ва пурсишномаҳои иҷтимоӣ, барои баланд бардоштани сатҳ ва сифати таҳсилоту иқтидори зеҳнии онҳо ба сомон расонидааст, ки дороии аҳамияти беназир

Пешниҳоди муаллиф ҷиҳати рушди низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти баҳодиҳии хусусиятҳои он боиси дастгирӣ мебошад.

Аз автореферат бар меояд, ки хулосаҳои мантиқӣ ва ақидаҳои илман асоснок кардашудаи муаллиф дар диссертатсия, асосҳои илмии он ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натичаҳо мушаххас нишон дода шуда, аҳамияти илмӣ ва амалӣ доранд.

Новобаста аз он, ки дар автореферат ҷанбаҳои мусбии кор ва натиҷаҳои навгонии ба даст овардашуда зикр шудаанд, ба андешаи мо, дар он камбудиҳо ва норасоиҳои алоҳида ба назар мерасанд, ба монанди:

Дар диссертатсия дар бораи таҳлили таъсири омилҳо ба рушди низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ мисолҳои зиёде оварда шудаанд, вале доир ба дороиҳои ғайримоддӣ, аз қабили таъмини барномаҳои компютерӣ, литсензияҳо, патентҳо ва дигар ҳуқуқҳои хизматрасонӣ иттилооти камтар ба назар мерасад, ҳол он ки дар шароити ҳозираи пешрафти илму техника ва технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ захираҳои зикршуда хеле муҳиманд.

Таъкид кардан зарур аст, ки ин норасоиҳои зикршуда аҳамияти илмӣ ва амалии корро паст намекунанд ва хусусияти тавсиявӣ доранд.

Ҳамин тариқ, чунин мешуморем, ки кори диссертатсионии тақризшавандаи (аз рӯйи автореферат) Ализода Ҳуснигули Соҳиб дар мавзуи «Ҷанбаҳои ташкилию иқтисодии рушди низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ», ки барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ пешниҳод карда шудааст ба талаботҳои Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 — Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.02 — Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт) мебошад.

**Муқарриз,**
**н. и. и., дотсент, мудири**
**кафедраи идоракунии молияи давлатии**
**Академияи идоракунии давлатии**
**назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Досиев М. Н.**

Суроға: 734003. Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33; Телефон: (+992 37) 224-17-86, (+992) 918 11 96 48;
Факс: (+992 37) 224-17-86; E-mail: info@apa.tj, dostiev68@mail.ru

Имзои н.и.и., дотсент, мудири кафедраи идоракунии молияи давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Досиев М. Н.-ро тасдиқ менамоям.

**Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои махсуси Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Ҳамидов Ш. Б.**